ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БУҶЕТИ ШАҲРВАНДӢ

Ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои соли 2025»

## 2025

Душанбе – 2024

# МУНДАРИҶА

| | |
|---|---|
| САРСУХАН | 3 |
| СОХТОРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | 4 |
| ҶАРАЁНИ ТАҲИЯИ БУҶЕТ | 5 |
| НИШОДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ | 6 |
| САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ АНДОЗӢ | 8 |
| ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ, ҶУМҲУРИЯВӢ, БУҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ | 13 |
| ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ, ҶУМҲУРИЯВӢ ВА МАҲАЛЛӢ | 17 |
| САРМОЯГУЗОРИҲОИ АСОСИИ МУТАМАРКАЗ | 28 |
| БАРНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ | 29 |
| ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ | 32 |
| КАСРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | 33 |
| МАФҲУМҲОИ АСОСӢ | 34 |
| МАЪЛУМОТ БАРОИ ИРТИБОТ | 36 |

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АҲОЛӢ




## Тақсимоти ҳудудию маъмурӣ



**3** – вилоят ва НТҶ

**17** – шаҳр

**51** – ноҳия

**368** – ҷамоати деҳот

**4 223** - деҳа

# САРСУХАН



Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади оммафаҳм гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» нашрияи навбатии иттилоотии «Буҷети шаҳрвандӣ»-ро дар сомонаи расмии худ ҷойгир менамояд.

Дар таҳияи буҷети давлатӣ ҳадафҳои муҳими дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида, дастуру супоришҳо аз вохӯриҳо бо намояндагони аҳли ҷомеа, супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсия ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи имкониятҳои молиявии кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Буҷети давлатӣ ҳамасола дар доираи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар, ҳадаф ва афзалияти асосӣ, стратегия, барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия мегардад.

Дар нашрияи мазкур маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, самтҳои асосии сиёсати андозӣ, сохтори буҷети давлатӣ, ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, хизматрасонии қарзи давлатӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дарҷ шудааст, ки тавассути он дастрасии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маълумотҳои болозикр таъмин мегардад.

Вазири молия
Қаҳҳорзода Ф. С.

# СОХТОРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ




**Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- сатҳи якум
  буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ

- сатҳи дуюм
  буҷетҳои маҳаллӣ

Ба буҷетҳои маҳаллӣ буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мансуб мебошанд.

# ҶАРАЁНИ ТАҲИЯИ БУҶЕТ БАРОИ СОЛИ 2025

**01 ЯНВАР** — Таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба ташаккули Буҷети давлатӣ

**02 ФЕВРАЛ** — Таҳияи дастурамал (марҳилаи 1) оид ба таҳияи буҷети давлатӣ

**03 МАРТ** — Таҳияи нишондиҳандаҳои дурнамои макрофискалӣ ва сармоягузории давлатӣ

**04 АПРЕЛ** — Ба Вазорати молияи ҶТ пешниҳод намудани дархостҳо барои афзалияту ташаббусҳои нав, муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷот

**05 МАЙ** — Баррасии дархостҳои ташаббусҳои нав. Муҳокимаи буҷетӣ оид ба ҳадди наҳоии хароҷоти соҳавӣ

**06 ИЮН** — Пешниҳоди самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетӣ барои давраи миёнамуҳлат ба баррасии Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия ва муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ ниҳоии даромаду хароҷот

**07 ИЮЛ** — Пешниҳоди ҳадди ниҳоии аниқшудаи хароҷоти соҳаҳо ба ТАМБ. Тасҳеҳи дурнамои макрофискалӣ. Пешниҳоди дархостҳои буҷетӣ аз ҷониби тамоми ташкилотҳои буҷетӣ

**08 АВГУСТ** — Гузаронидани муҳокимаҳои буҷетӣ дар Гурӯҳи кории байниидоравии буҷети назди Вазорати молия; Таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»

**09 СЕНТЯБР** — Ба баррасии Ҳукумати ҶТ пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2025”

**10 ОКТЯБР** — Баррасии лоиҳаи буҷет дар Комиссияи буҷетии доимоамалкунандаи назди Ҳукумати ҶТ; Ба муҳокимаи МНМО пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»

**11 НОЯБР** — Муҳокимаи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2025» дар МНМО ҶТ ва қабули он

**12 ДЕКАБР** — Қабули қарори Ҳукумати ҶТ «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои ҚҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2025»

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ

Дар соли 2025 дурнамои Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) Ҷумҳурии Тоҷикистон 166 065 млн сомонӣ муқаррар шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки ММД дар соли 2026 – 187 536 млн сомонӣ ва дар соли 2027 ба 211 197 млн сомонӣ баробар мегардад. Афзоиши реалии ММД дар солҳои 2025 – 8,4%, соли 2026 – 8,0% ва дар соли 2027 – 8,2% пешбинӣ гардидааст.

## Рушди номиналӣ ва реалии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2025-2027




## Гардиши савдои хориҷӣ

Дурнамои гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 дар ҳаҷми 8,9 млрд доллари ИМА, аз ҷумла содирот 3,0 млрд доллари ИМА ва воридот 5,9 млрд доллари ИМА ояндабинӣ шудааст.

## Гардиши савдои хориҷӣ дар солҳои 2025-2027, бо млрд доллари ИМА



## Сармоягузориҳои хориҷӣ

Дар соли 2025 тибқи дурнамо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 3790,0 млн доллари ИМА муайян гардида, асосан барои рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва рушди инфрасохтор пешбинӣ шудааст.

### Сармоягузориҳои хориҷӣ дар солҳои 2025-2027, млн доллари ИМА




### Дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва тавозуни он дар солҳои молиявии 2025-2027, млрд. сомонӣ



# САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ АНДОЗӢ

## Андозҳо ва механизми ҳисоб намудани онҳо дар соли 2025

Қонунгузорӣ ва қоидаҳои андозӣ бояд умумӣ, сода, яксон татбиқшаванда ва бо меъёрҳои мутобиқ ба мақсадҳои рушди иқтисодии кишвар бошад. Андозҳо танҳо дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва даромади воқеӣ ситонида мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои умумидавлатӣ ва андози маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд.



## Андоз аз даромад

Супорандагони андоз аз даромад шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объектҳои андозбандӣ доранд, ба истиснои шахсоне, ки ҷавобгӯйи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд.

Объекти андозбандии андоз аз даромад даромади андозбандишавандаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ, сарфи назар аз маҳал ва усули пардохт, мебошад.

Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-резидент даромадҳое мебошанд, ки аз ҳамаи манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент танҳо даромадҳое дониста мешаванд, ки аз манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

| | Намуди даромад | Меъёри андоз |
|---|---|---|
|  Андоз аз даромади шахсони воқеӣ (НБҲ – нишондиҳанда барои ҳисобҳо) | тарҳи шахсӣ (аз андозбандӣ озод) | ду НБҲ (150 сомонӣ) |
| | даромади андозбандишаванда аз ҷойи кори асосӣ | 12% |
| | дигар даромадҳо | 15% |
| | даромади шахси воқеӣ - ғайрирезидент аз кори кироя | 20% |
|  Андоз аз (фоида) даромади шахсони ҳуқуқӣ | истеҳсолот | 13% |
| | ташкилоти қарзии молиявӣ, ширкатҳои мобилӣ | 20% |
| | истихроҷи захираҳои табиӣ | 18% |
| | дигар фаъолият | 18% |

## Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)

Андоз аз арзиши иловашуда андози ғайримустақим буда, дар тамоми марҳилаҳои муомилоти мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз пардохт карда мешавад.




## Андози аксиз

Супорандагони андози аксиз шахсони ҳуқуқӣ-резидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки молҳои зераксизиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол менамоянд, субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки молҳои зераксизиро тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд ва инчунин шахсони ҳуқуқӣ-резидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хизматрасонии алоқаи барқиро анҷом медиҳанд (хизматрасонии зераксизӣ), эътироф карда мешаванд.

Меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда гуногун буда, онҳо бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 июни соли 2018, №302 тасдиқ гардидааст.

| | Намуди фаъолият | Меъёри андоз |
|---|---|---|
| Андози аксиз | Хизматрасонии алоқаи барқӣ | 7% |

## Андоз барои сарватҳои табиӣ

Ҳангоми истифода бурдани захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифодаи онҳо дар доираи шартномаҳо оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва (ё) истифодабарии об барои истеҳсоли неруи барқ, андозҳо ҳисоб ва пардохт карда мешаванд.

| Андозҳо барои сарватҳои табиӣ | Намуди андоз | Меъёри андоз | |
|---|---|---|---|
| | роялтӣ барои истихроҷ | аз 1 то 5% - барои баъзан молҳо кам ва мутаносибан то 5 дарсад зиёд | |
| | | 2025 | 2027 |
| | рентаи содиротӣ (нисбат ба консентрат) | 4% | 6% |

## Андози иҷтимоӣ ва андоз аз фоизҳо аз манбаи пардохт

Супорандагони андози иҷтимоӣ шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентон ва соҳибкорони инфиродӣ – корфармоён, ки ба шахсони воқеӣ-резидентони бо онҳо дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ё бе шартнома ҳамчун коргарони кироя коркунанда музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигар медиҳанд.

Андоз аз фоизҳо аз манбаи пардохт фоизҳое, ки резидент ё муассисаи доимии ғайрирезидент пардохт мекунад ё аз номи чунин муассиса дода мешаванд, агар даромад аз манбаъҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда бошад.

Фоизҳое, ки ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ-резидентон, мақомоти молия, Бонки миллии Тоҷикистон, ширкатҳои молиявии лизингӣ-резидентон, аз ҷумла тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) пардохт мешаванд, дар манбаи пардохт андозбандӣ намегарданд.

| Андози иҷтимоӣ | Пардохткунанда | Меъёри андоз | |
|---|---|---|---|
| | | Муассисаҳои буҷетӣ | Дигар ташкилот |
| | суғуртакунандагон | 25% | 20% |
| | суғурташудагон | 1% | 2% |
| Андоз аз фоизҳо аз манбаи пардохт | Пардохткунанда | Меъёри андоз | |
| | ширкати резидентӣ ба ширкатҳои назоратшаванда аз манбаъи пардохт | 18% | |

## ҲАДДИ АҚАЛИ ИҶОРАПУЛӢ БАРОИ МОЛУ МУЛКИ ШАҲРВАНДӢ

Аз 1 январи соли 2025 мутобиқи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» барои шахсоне, ки амволи ғайриманқули худро ба иҷора медиҳанд, меъёр муқаррар карда шудааст.

Ҳадди ақали иҷорапулии як метри мураббаи объектҳои ғайриманқул дар як моҳ бо дарсад аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ки дар қисми 2 моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба андозаи зерин муқаррар шудааст:




## Нишондиҳанда барои ҳисобҳо

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар соли 2025 мутобиқи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ба андозаи **75** сомонӣ муқаррар карда шудааст.

# БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛИ 2025

## ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 бо афзоиш ташаккул ёфта, ҳаҷми он 49582,2 млн сомонӣ (ё ин ки 29,9%-и ММД)-ро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳияи дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз нуқтаҳои зерин ҳамчун нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ қабул гардидаанд: дурнамои Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), сатҳи таваррум, қурби асъори миллӣ, нақшаи сармогузориҳои давлатӣ ва ғайра.

### Сохтори даромади буҷети давлатӣ, нақша барои соли 2025



## Воридоти андозҳои мустақим ба буҷети давлатӣ дар солҳои 2024-2025, млн сомонӣ




## Воридоти андозҳои ғайримустақим ба буҷети давлатӣ дар солҳои 2024-2025, млн сомонӣ



Дар соли 2025 ҳаҷми умумии даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 21091,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ 19899,2 млн сомонӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷет 1192,0 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024-ум 4045,7 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар сохтори даромадҳои ҷорӣ воридоти андозҳо 17573,4 млн сомонӣ ё 83,3 дарсадро ташкил медиҳад.

## Сохтори даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, нақша барои соли 2025



# ДАРОМАДИ БУҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ

Дар соли 2025 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ 14921,6 млн сомонӣ (9,0 дарсади ММД) муайян гардидааст, ки нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 2593,0 млн сомонӣ ё 21,0 дарсад зиёд мебошад.

## Сохтори даромади буҷетҳои маҳаллӣ, дурнамо барои соли 2025, млн сомонӣ



# ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 51 591,4 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ба 31,1 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

## Сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ, нақша барои соли 2025




## Хароҷоти буҷети давлатӣ ба самтҳои иқтисодиёт дар соли 2025, бо %



# ХАРОҶОТИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТ ВА ИДОРАИ ДАВЛАТӢ

Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2025 барои маблағгузории соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 2204,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1588,2 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 312,9 млн сомонӣ ва барномаи сармоягузориҳои давлатӣ 303,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

**Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ**




# ХАРОҶОТИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСАТИ БЕРУНА

Дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 хароҷоти умумии фаъолияти сиёсати беруна 390,5 млн сомониро ташкил медиҳад.



# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ МАОРИФ

Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти баъди дипломӣ, таҳсилоти иловагӣ, махсус ва муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд, фаъолият менамоянд.

Дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба маблағи 10909,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2024-ум 2677,6 млн сомонӣ, ё ин ки 32,5 дарсад афзоиш ёфта, 21,1 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 6,6 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот ба соҳаи маориф ва илм аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




## Хароҷот ба соҳаи маориф ва илм аз рӯйи зинаҳои таҳсилот дар соли 2025, бо млн сомонӣ



# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Соҳаи тандурустӣ низ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мансуб ёфта, дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 4329,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он 8,4 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,6 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот ба соҳаи тандурустӣ аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




## Хароҷот ба соҳаи тандурустӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ барои соли 2025, млн сомонӣ



# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2025 ба маблағи 6962,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, 13,5 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,2 дарсади Маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




## Хароҷот аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ барои соли 2025

| Номгӯи кумакпулиҳо | Нишондиҳанда барои ҳисобҳо | Андоза аз рӯйи 75 сомонӣ | Шумораи гирандагони кумакпулӣ дар соли 2025 | Талаботи солона аз рӯйи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (млн сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ | | | |
| Кумаки унвонии иҷтимоӣ | 11 | 825 | 222 903 | 223,2 |
| | аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | | | |
| Нафақагирони аҳамияти ҷумҳуриявидошта | аз 3 то 6 | аз 225 то 450 | 2 826 | 1,0 |
| Кумакпулӣ барои дафн | 20 | 1500 | 20 000 | 30,0 |
| Кумакпулӣ барои таваллуд ва нигоҳубини кудак аз ҳисоби маблағҳои АСИН | 1, 2 ва 3 | 75, 150, 225 | 103 300 | 15,5 |

# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА ВАРЗИШ

Дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба маблағи 1718,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин 3,3 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,0 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот ба соҳаи фарҳанг ва варзиш аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, млн сомонӣ




## Хароҷот ба соҳаи фарҳанг аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ барои соли 2025, млн сомонӣ

| | |
|---|---|
| Китобхонаҳо<br>**77** муассиса | **88,6**<br>млн сомонӣ |
| Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо<br>**75** муассиса | **42,5**<br>млн сомонӣ |
| Телевизион ва радиошунавонӣ<br>**23** муассиса | **332,1**<br>млн сомонӣ |
| Матбуоти даврӣ ва нашриёт<br>**93** муассиса | **49,5**<br>млн сомонӣ |
| Муассисаҳои дигар<br>**1 107** муассиса | **1160,7**<br>млн сомонӣ |

# ХАРОҶОТИ СОҲАҲОИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ

Ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафҳои стратегии кишвар арзёбӣ гардида, зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Бинобар ин, дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар 15176,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 9,1 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт асосан аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии мутамаркази буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои беруна ташаккул ёфта, 12927,0 млн сомонӣ ё 85,2 дарсади хароҷоти умумии соҳаро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2024-2025, млн сомонӣ



# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ ХОҶАГИИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ, МУҲИТИ ЗИСТ ВА ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1871,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

## Хароҷот аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ КОМПЛЕКСИ СӮЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат дар соли 2025 барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикии кишвар 8406,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2903,3 млн сомонӣ, барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ 5498,3 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 4,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

## Хароҷот аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ



# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ, МОҲИДОРӢ ВА ШИКОР

Ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 маблағи 1426,9 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 343,3 млн сомонӣ, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 1053,0 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 30,6 млн сомонӣ.

## Хароҷот аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




## Барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ барои 2025, бо млн сомонӣ

Барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ: 57,6 млн. сомонӣ

| | |
|---|---|
| 2,5 | рушди соҳаи чорводорӣ |
| 4,0 | чорабиниҳои муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ |
| 30,0 | рушди муносибатҳои лизингӣ |
| 1,1 | рушди соҳаи тухмипарварӣ |
| 6,4 | чорабиниҳои мубориза бар зидди малах |
| 13,6 | барои дигар барномаҳои рушд |

# ХАРОҶОТ БА СОҲАИ САНОАТ ВА СОХТМОН

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 бо мақсади рушди соҳаҳои саноату сохтмон 337,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 322,0 млн сомонӣ ва махсус 15,1 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

## Хароҷоти соҳаи мазкур аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ




# СОҲАИ НАҚЛИЁТ ВА КОММУНИКАТСИЯ

Бо дарназардошти раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ дар соли 2025 ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба маблағи 2993,9 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 847,4 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 33,4 млн сомонӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 2113,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

## Хароҷот аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2024-2025, бо млн сомонӣ



## Тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия баланд гардид.

Аз 1 январи соли 2024:

**40%**

маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот

Аз 1 июли соли 2024:

**40%**

- маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои дигари буҷетӣ
- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ
- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ

**30%**

- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ

# ХАРОҶОТИ БУҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 14755,7 млн сомонӣ муайян гардида, нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 3334,2 млн сомонӣ ё 29,2 дарсад зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ фонди музди меҳнат 71,8 дарсадро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаи буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2025 маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ бо дар назардошти сармоягузории асосии мутамарказ ба маблағи 12354,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 83,7 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро ташкил медиҳад, аз ҷумла маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми 8053,5 млн сомонӣ, соҳаи тандурустӣ 3464,5 млн сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ 86,5 млн сомонӣ, фарҳанг ва варзиш ба маблағи 750,3 млн сомонӣ рост меояд.

## Сохтори хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ, барои соли 2025



# САРМОЯГУЗОРИҲОИ АСОСИИ МУТАМАРКАЗ

Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2025 ба маблағи 5063,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 4061,1 млн сомонӣ ва аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ 1002,2 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## Сохтори сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2025, млн сомонӣ




## Сармоягузориҳои асосии мутамарказ ба соҳаҳои алоҳида дар соли 2025, бо млн сомонӣ




*ба соҳаи Комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 2881,7 млн сомонӣ.

# БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Маблағгузории лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соли 2025 аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо ба андозаи 11373,9 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ 4460,4 млн сомонӣ, маблағҳои грантӣ 6716,8 млн сомонӣ ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 196,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

## Сарчашмаҳои маблағгузории барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар солҳои 2024-2025




Дар соли 2025 азхудкунии қисми асосии маблағҳо дар як қатор лоиҳаҳои сароягузории давлатии калонҳаҷм пешбинӣ шудааст, аз ҷумла:

| Номгӯи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ | Арзиш бо млн сомонӣ |
|---|---|
| Барномаи рушди соҳаи энергетикӣ | 217 257,0 |
| Барномаи солимгардонии вазъи молиявии соҳаи энергетика | 316 388,9 |
| Лоиҳаи «Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон» | 225 937,7 |
| Лоиҳаи «Идомаи сохтмони «НБО Роғун» | 2 385 860,0 |
| Лоиҳаи «Миллати солими Тоҷикистон» | 263 929,1 |
| Лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва беҳдошт дар деҳот» | 119 293,0 |
| Лоиҳаи «Таҷдиди НБО-и Қайроққум» | 245 169,5 |
| Лоиҳаи «Барқарорсозии НБО Норак, марҳилаи 1» | 596 465,0 |

| | |
|---|---|
| Лоиҳаи «Дастгирӣ барои татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, марҳилаи 2» | 154 787,6 |
| Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» | 238 586,0 |
| Лоиҳаи «Кам намудани талафоти нерӯ дар вилояти Хатлон» | 148 420,8 |
| Лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе» | 129 957,6 |
| Лоиҳаи «Сохтмони роҳи Гулистон Фархор» | 112 135,4 |
| Лоиҳаи «Азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ» | 104 972,2 |
| Лоиҳаи «Барқарорсозии нерӯгоҳи Сарбанд бо иқтидори 240 МВт - маблағгузории иловагӣ» | 130 029,4 |
| Лоиҳаи «Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат» | 103 403,2 |
| Лоиҳаи «Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон» | 156 434,4 |
| Лоиҳаи «Баландбардории устувории кишоварзӣ» | 290 392,3 |
| Лоиҳаи «Беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, БРАМОМ-4» | 498 119,9 |
| Лоиҳаи «Долони сабз» | 248 024,3 |
| Лоиҳаи «Кам намудани талафоти нерӯ дар шаҳри Душанбе» | 107 401,9 |
| Лоиҳаи «Минтақавии интиқоли нерӯи барқи (CASA – 1000)» | 724 018,4 |
| Лоиҳаи «Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» | 121 418,9 |
| Лоиҳаи «Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ» | 167 756,1 |
| Лоиҳаи «Сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон» | 162 427,6 |
| Лоиҳаи «Такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон» | 148 968,0 |
| Лоиҳаи «Таҷдиду барқароммозии қитъаи роҳи мошингарди Обигарм-Нуробод, (қитъаи 1)» | 288 840,5 |
| Лоиҳаи «Таҷдиду барқарорсозии қитъаи роҳи мошингарди Обигарм-Нуробод, (қитъаи 2)» | 99 286,2 |
| Лоиҳаи «Таҷдиду барқарорсозии қитъаи роҳи мошингарди Обигарм-Нуробод, (қитъаи 3)» | 211 577,7 |
| Лоиҳаи «Таъмини устувории ландшафтҳо ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 130 029,4 |
| Лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Қалъаи хумб-Ванҷ» | 580 972,1 |

# ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 хизматрасонии қарзи давлатӣ бо назардошти уҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзӣ ба маблағи 5876,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

## Хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар солҳои 2024-2025, млн сомонӣ




## Пардохти қарзи давлатӣ аз рӯйи қарздиҳандагон дар соли 2025, млн доллари ИМА

| Ташкилоти қарздиҳанда | Қарзи асосӣ | Фоизи қарз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Бонки Умумиҷаҳонӣ | 20,2 | 4,2 | 24,4 |
| Бонки Осиёии Рушд | 15,3 | 4,1 | 19,4 |
| Бонки Исломии Рушд | 13,7 | 1,6 | 15,3 |
| Фонди ОПЕК | 5,1 | 1,7 | 6,8 |
| Фонди байн.рушди киш.(IFAD) | 0 | 0,2 | 0,2 |
| Фонди Кувайтии Рушд | 4,9 | 1,2 | 6,1 |
| Фонди Саъудии Рушд | 7,8 | 1,6 | 9,4 |
| Ҷумҳурии Халқии Хитой - Эксимбонк | 85,2 | 14,9 | 100,1 |
| Олмон (KfW) | 0,8 | 0,1 | 0,9 |
| БАТР | 14,9 | 7,8 | 22,7 |
| Фонди Абу - Даби | 1,0 | 0,1 | 1,1 |
| ФАМР | 7,6 | 1,3 | 8,9 |
| Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ | 1,7 | 2,3 | 4,0 |
| Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохторӣ | 5,1 | 3,7 | 8,8 |
| Туркманистон | 0,6 | 0 | 0,6 |
| Евробондҳо (BNY Mellon) | 166,7 | 32,7 | 199,4 |
| Хазинаи Байналмилалии Асъор | 18,7 | 0 | 18,7 |

# КАСРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба андозаи 1,2 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 2009,2 млн сомонӣ муқаррар карда шудааст.




## Манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ дар соли 2025, бо млн сомонӣ



# МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Буҷети давлатӣ - фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

Буҷети ҷумҳуриявӣ - шакли ташаккулёбӣ ва хароҷоти маблағҳои пулӣ, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои марбут ба салоҳияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст;

Буҷети маҳаллӣ - шакли ташаккулёбӣ ва хароҷоти маблағҳои пулӣ, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои марбут ба ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст;

Даромади буҷет - даромади ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

Хароҷоти буҷет - маҷмӯи хароҷоти буҷетҳои ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти соҳаҳо ва зинаҳои идоракунӣ муқаррар карда шудааст;

Кумаки молиявии беподош (дотатсия) - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд;

Кумаки молиявӣ (субсидия) - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд;

Қарзгирӣ - маблағҳое, ки мутобиқи шартнома гирифта, ба ҳамон андоза бо дарсад ё бе дарсад барои истифодаи он баргардонида мешаванд ё маблағҳое, ки аз рӯйи онҳо ба қарздиҳанда дарсад ё пардохти дигари вобаста ба қарзгирӣ дода мешаванд;

Қарзи буҷетӣ - маблағе, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷети давлатӣ ё шахсони воқеӣ ба муҳлати муайян ва ба тариқи бозгашт дода мешавад;

Грантҳо - маблағҳое, ки аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ ё мақомоти идоракунии давлатии дигар давлатҳо ва ё аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ беподош ва бе қабул кардани уҳдадорӣ оид ба ҷуброни онҳо барои дастгирии самти алоҳидаи сиёсати иқтисодӣ дода мешаванд;

Сармоягузорӣ (инвеститсия) - маблағҳое, ки барои сохтмони асосӣ, хариди воситаҳои асосӣ ва коғазҳои қиматнок, пурра кардани захира ва манбаъҳои моддии давлатӣ равона карда мешаванд;

Тақсимкунандаи асосӣ - мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки маблағҳои буҷети давлатиро ихтиёрдорӣ карда, онҳоро дар байни сохторҳои тобеи худ тақсим мекунанд.

Тақсимкунандаи асосӣ ҳамчунин ташкилоти муҳими буҷетии соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ шуда метавонад;

Тақсимкунанда – мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё ташкилоти буҷетӣ, ки маблағҳои буҷетиро аз тақсимкунандаи асосӣ мегиранд ва ҳуқуқи тақсим ва назорати истифодаи маблағҳои буҷетиро ба ташкилотҳои тобеи худ, ки маблағҳои буҷетиро мегиранд, доранд;

Гирандаи маблағҳои буҷетӣ - ташкилотҳои буҷетӣ, ки дар тобеияти тақсимкунандаи асосӣ ва тақсимкунандаи воситаҳои буҷетӣ қарор гирифта, ҳуқуқи аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузорӣ шуданро доранд;

Ташкилоти буҷетӣ - ташкилоти таъсисдодаи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ сохтани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ва вазифаҳои дигари хусусияти ғайритиҷоратидошта, ки фаъолияти он на кам аз 70 дарсад аз ҳисоби буҷети дахлдор ё буҷети фонди мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Гурӯҳбандии буҷетӣ – ба гурӯҳҳо ҷудо кардани даромаду хароҷот, манбаъҳои маблағгузории касри буҷетҳо, ки барои тартиб додан ва иҷро кардани буҷетҳои сатҳҳои гуногуни низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ муносибатҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки дар раванди буҷетӣ ба амал меоянд;

Маъмурикунонии андоз – маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз бо риояи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд;

Низоми махсуси андозбандӣ – тартиби махсуси андозбандии барои гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон муқарраргардида, ки тарзу усулҳои содакардашудаи ҳисоб ва пардохти намудҳои алоҳидаи андоз, инчунин пешниҳоди ҳисоботи андозро пешбинӣ менамояд;

Низоми умумии андозбандӣ – тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллии муқаррарнамудаи Кодекси андоз, ба истисноИ низомҳои махсуси андозбандӣ;

Дороиҳо – захираҳои дар ихтиёрӣ ё таҳти назорати шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ қарордошта, ки аз онҳо гирифтани нафъи иқтисодӣ имконпазир буда, дорои ченаки арзишӣ мебошанд.

# МАЪЛУМОТ БАРОИ ИРТИБОТ



## ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Сарраёсати буҷети давлатӣ

СОМОНАИ РАСМӢ:
http://www.moliya.tj

ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:
min_fin@tojikiston.com
khisrav.sharifov@moliya.tj
e.bobohonzoda@moliya.tj

ТЕЛЕФОН:
**221-32-90**

СУРОҒА:
кӯчаи Шероз 35, Душанбе, 734025, Тоҷикистон
Нишонӣ: назди Боғи Парчами миллӣ